# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамали № "Оид ба иҷозатномадиҳии ташкилотҳои қарзӣ"

Лоиҳаи Дастурамали мазкур бо назардошти талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", таҳия гардида, талабот барои гирифтани иҷозатнома ҷиҳати анҷом додани фаъолияти бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ, азнавбарасмиятдарорӣ ва бозхонди иҷозатномаро муқаррар менамояд.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро қисми 6 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ташкил медиҳад.

Қайд карда мешавад, ки масъалаи додани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкиро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" пешбинӣ менамояд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати гирифтани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ, аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар қонунҳои зикршуда талабот ва ҳуҷҷатҳо бо таври умумӣ нишон дода шудаанд. Бинобар ин, ҷиҳати содда ва осон намудани ҷараёни иҷозатномадиҳӣ ва аз нав ба расмият даровардани он зарурияти таҳия ва қабули Дастурамали мазкур ба миён омадааст. Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур ҷараёни пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор вобаста ба додани иҷозатнома ва аз нав ба расмият даровардани он мушкил, номуайян ва номушаххас мегардад, ки чунин ҳолат барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар монеъа эҷод карда метавонад.

Бонки миллии Тоҷикистон санади мазкурро ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади таъмини устувории низоми бонкӣ ва рушди он, ҷиҳати кам намудани муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ, азнавбарасмиятдарории он ва содда намудани ҷараёни иҷозатномадиҳӣ, пешгирӣ кардани воридшавии субъектони беэътимод ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳия намудааст.

Лоиҳаи Дастурамали мазкур дар маҷмӯъ, ҷараёни иҷозатномадиҳӣ содда, мукаммал ва муҳлати баррасии дархост ҷиҳати гирифтани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ ва аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва додани иҷозатномаро кам намуда, мушкилиҳои дар ин самт ҷойдоштаро бартараф менамояд.

Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки лоиҳаи Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои қарзӣ таҳия гашта, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва Бонки миллии

Тоҷикистон дар самти иҷозатномадиҳӣ ба назар гирифта шудааст.

Дар сурати қабул гардидани Дастурамали мазкур ҳангоми пешниҳод намудани дархост ҷиҳати гирифтани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ ва аз нав ба расмият даровардани иҷозатнома аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ муҳлати баррасӣ ва додани иҷозатномаро кам намуда, ба ин васила барои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, рушди низоми бонкӣ ва дар навбати худ ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Дастурамали мазкур имкон медиҳад, ки аз тарафи довталабони иҷозатнома маълумоти саҳеҳ пешниҳод карда шуда, танҳо довталабони ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ ва боэътимод соҳиби иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ гарданд ва воридшавии шахсони бемасъулият ва беэътимод ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешгирӣ карда шавад.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он воридшавии шахсони бемасъулият ва беэътимод ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешгирӣ шуда, вазъи хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ дар кишвар беҳтар гардида, ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорону амонатгузорони ташкилотҳои қарзӣ аз байн мераванд.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода